# СУРАТМАҶЛИСИ №47

16 марти соли 2024 ш. Душанбе

Иштирок доштанд: аз 15 нафар аъзои Шурои диссертатсионии 6D.КОА-019 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, ки бо фармони КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7 январи соли 2022, таҳти №15/шд тасдиқ гардидааст, 12 нафар иштирок доранд, ки аз онҳо 4 нафарашон доктрони илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда ба ҳисоб мераванд.

Пешниҳод шуд, ки ҷаласа кушода эълон карда шавад. Муҳтарам аъзоёни Шуро ягон пешниҳоди дигар нест? Аъзоёни Шуро хоҳиш намуданд, ки ҷаласа кушода эълон карда шавад. Пешниҳод якдилона ҷонибдорӣ карда шуд.

## РӮЗНОМАИ ҶАЛАСА:

Шунидани хулосаи комиссияи экспертӣ оид ба диссертатсияи Якубова Сабоҳат Нарзуллоевна дар мавзуи Масъалаҳои мубрам ва дурнамои раванди қонунгузории Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳлили ҳуқуқӣ-конститутсионӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.02 – Ҳуқуқи конститутсионӣ, ҳуқуқи мурофиаи судии конститутсионӣ, танзими ҳуқуқии ҳокимияти маҳаллӣ.

Аз рӯйи масъалаи мазкур раиси комиссияи экспертии Шурои диссертатсионӣ, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқи факултети ҳуқуқшиносии ДМТ Шарофзода Р., аъзоёни комиссияи экспертӣ доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, узви Шуро Азиззода У.А. ва доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, узви Шуро Мирзамонзода Х.М. баромад намуданд (хулоса комиссияи экспертӣ замима мегардад).

## ҚАРОР КАРДА ШУД:

1. Диссертатсияи Якубова Сабоҳат Нарзуллоевна дар мавзуи «Масъалаҳои мубрам ва дурнамои раванди қонунгузории Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳлили ҳуқуқӣ-конститутсионӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.02 – Ҳуқуқи конститутсионӣ, ҳуқуқи мурофиаи судии конститутсионӣ, танзими ҳуқуқии ҳокимияти маҳаллӣ ба ҳимоя қабул карда шавад.
2. Ба ҳайси муқарризони расмӣ таъин карда шаванд:

– **Ализода Зариф** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, Ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои ҳуқуқӣ;

– **Элназаров Давлатшо Хоҷаевич** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, мудири кафедраи фанҳои давлатӣ-ҳуқуқии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи Славянии Россия ва Тоҷикистон;

– **Раҳмон Дилшод Сафарбек** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, ректори Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ.

3. Ба ҳайси муассисаи пешбар – Муассисаи таълимии таҳсилоти олии касбии «Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон» (ш. Душанбе), таъин карда шавад.

4. Барои ҷойгир намудани эълон оид ба химояи минбаъда дар сомонаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва чопи автореферат, иҷозат дода шавад.

5. Санаи ҳимоя 29 июни соли 2024, соати 10:00 таъин карда шавад.

**Қарор қабул карда шуд: якдилона.**

**Раиси Шурои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор** **Шарипов Т.Ш.**

**Котиби илмии Шурои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор** **Гадоев Б.С.**